«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи давлатии
омӯзгории Тоҷикистон ба номи
Садриддин Айнӣ профессор
___________ Ибодуллозода А.И.
«03» 12 соли 2022

Хулосаи

**Шурои олимони факултети педагогикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ба диссертатсияи Шукурзода Хуршеди Абдумумин дар мавзуи «Ташаккули фаъолияти таълимӣ-таҳқиқотии муаллимони ояндаи синфҳои ибтидоӣ мавриди омӯзиши назария ва амалияи ҳалли масъалаҳои матнӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D010200 - Педагогика ва методикаи таълими ибтидоӣ**

Диссертатсия дар мавзуи «Ташаккули фаъолияти таълимӣ-таҳқиқотии муаллимони ояндаи синфҳои ибтидоӣ мавриди омӯзиши назария ва амалияи ҳалли масъалаҳои матнӣ» дар кафедраи методикаи таҳсилоти ибтидоии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D010200 - Педагогика ва методикаи таълими ибтидоӣ иҷро шудааст.

Даври аввали муҳокима ва экспертизаи диссертатсия дар ҷаласаи кафедраи методикаи таҳсилоти ибтидоии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, суратҷаласаи №1, аз 26.08.2022 гузаронида шудааст.

**Мутобиқи ихтисос ва номи мавзуъ ба шиносномаи ихтисос ва муҳтавои диссертатсия.** Диссертатсия бо шиносномаи ихтисос ва муҳтавои он ба тартиби муқарраршудаи таълифи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси

6D010200 - Педагогика ва методикаи таълими ибтидоӣ мутобиқат менамояд.

**Алоқамандии мавзуи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илм, техника ва технология дар Ҷумҳурӣ.** Дар диссертатсия унвонҷӯ масоили таҳқиқот, асосӣ будани он ва ҳар як шахс ба ҳаёт дар шаклҳои гуногун ба мафҳуми "масъалаҳо" вохӯрда бо назардошти донишу таҷрибаи ҳаётиаш онро ҳал менамояд, ҳалли масъала, инчунин масъалаи математикии соф, масъалаи дар назди инсон пешомада дар истеҳсолот аз қадим боз мавриди таҳлилу таҳқиқ қарор дорад, шарҳ додашуда, имкониятҳо, роҳу усулҳои методикаи ҷалби муаллимониояндаи синфҳои ибтидоӣ мавриди омӯзиши «Назария ва амалияи ҳалли масъалаҳои матнӣ» озмоиш карда шуда, таъсири мусбати он ба омодагии касбӣ-методӣ сифати навишти корҳои курсӣ ва рисолаҳои хатм барои муҳаққиқон, донишҷӯён ва дигар шаҳрвандон мусоидат менамояд.

**Мутобиқати теъдод ва мазмуни интишороти натиҷаҳои илмӣ ба муҳтавои диссертатсия ва автореферати он.** Диссертатсия дар сатҳи баланди илмӣ-таҳқиқотӣ таълиф шуда, ба талаботи кори диссертатсионӣ комилан мувофиқ аст. Автореферат ва 17 мақолаи чопшудаи диссертант муҳтавои асосии диссертатсияро инъикос менамоянд. Аз шумори мақолаҳои чопшудаи диссертант 4-тои он дар маҷаллаи илмӣ - нашрияҳои тақризшавандаи тавсияшудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА-и Федератсияи Россия нашр шуданд.

**Мавҷудияти санадҳои тасдиқкунандаи татбиқи натиҷаҳои илмӣ дар истеҳсолот ё имконияти татбиқ намудани онҳо.** Муҳтавои диссертатсия дар хонишҳои педагогии шаҳрӣ, ноҳиявӣ, ҷумҳуриявӣ ва дар конференсияҳои ҳарсолаи илмӣ-амалии ҳайати омӯзгорону профессорони Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, Донишкадаи такмили ихтисоси кормандони маориф мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Маводи диссертатсия ва хулосаҳои он метавонанд, дар омӯзиши барномаи корӣ ва васоити таълимии «Назария ва амалияи ҳалли

масъалаҳои матнӣ» мусоидат мекунад. Инчунин, хулосаҳо, андешаҳо, ки боиси беҳдошти раванди таълиму тарбия дар донишгоҳҳо гардид, муҳити фароҳам мавҷуд аст. Маводи рисоларо метавонанд дар бораи беҳдошти системаи такмили ихтисоси кадрҳои педагогӣ истифода кард.

**Саҳми довталаб дар иҷрои таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Мавзуи мазкур бори аввал дар методикаи таълими математикаи синфҳои ибтидоӣ, мавриди таҳқику баррасии илмӣ қарор гирифта, дар ин замина роҳи муайяне ба назария ва методикаи таълиму тарбия ворид карда шуда, мафҳуми омодагии муаллимон ба фаъолияти таҳқиқотӣ ҳамчун системаи ҳамгирои омӯзиши предметҳо, инчунин «Назария ва амалияи ҳалли масъалаҳои матнӣ» барои ҷалби муаллимони ояндаи синфҳои ибтидоӣ мебошад.

Оид ба мавзуи диссертатсия 18 мақолаҳое, ки нуқтаҳои асосӣ ва натиҷаҳои таҳқиқотро ифода мекунанд, аз ҷумла 5 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳо ва нашрияҳои тақризшавандаи тавсияшудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА-и Федератсияи Россия нашр шудаанд.

**Пешниҳоди диссертатсия ба Шурои диссертатсионӣ.** Бобҳои диссертатсия мутобиқи мақсаду вазифаҳои гузошташуда тарҳрезӣ карда шуда, баррасию таҳқиқ дар сатҳи баланди илмӣ қарор дорад. Хулосаҳои унвонҷӯ илмӣ буда, ба талабот оид ба барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ мебошад.

Диссертатсияи Шукурзода Хуршеди Абдумумин дар мавзуи «Ташаккули фаъолияти таълимӣ-таҳқиқотии муаллимони ояндаи синфҳои ибтидоӣ мавриди омӯзиши назария ва амалияи ҳалли масъалаҳои матнӣ» ба талаботи низомномаи КОА дар мавриди таҳияи диссертатсияҳои илмӣ ҷавобгӯ буда, барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D010200 - Педагогика ва методикаи таълими ибтидоӣ барои дифоъ тавсия карда шавад.

Хулоса дар ҷаласаи Шурои олимони факултети педагогикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ аз 30. 11. 2022, № 4 қабул шудааст.

Иштирок доштанд: 17 нафар:
Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» - 17 нафар, «зид» - нест, «бетараф» - нест.
Протоколи № 4 аз 30. 12. 2022

**Раисикунанда:** раиси Шурои олимони факултети педагогикаи ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ, номзади илмҳои педагогика: Давлатзода Ф.

**Муқарризони холис:**
Доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи алгебра ва геометрияи ДДБ ба номи Носири Хусрав: Файзализода Б.Ф.

Номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи методикаи таълими математикаи ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ: Маҳкамов М.

**Котиби ҷаласа:** котиби Шурои олимони факултети педагогика, муаллими калон: Тағоев С.С.

Имзоҳои Ф. Давлатзода., Файзализода Б.Ф, М. Маҳкамов., Тағоев С.С.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ Мустафозода А.

**Нишонӣ:** 734003, ш. Душанбе,
х. Рӯдакӣ 121.
Тел.: +992 (37) 224 13 83
e-mail: info@tgpu.tj